# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истикрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Таҳқиқоти илмии мазкур ба омӯзиши равандҳои таърихӣ, сиёсӣ ва дипломатии истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991–2021) бахшида шудааст. Ин мавзуъ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ аҳамияти бузург дорад, зеро муносибатҳои Тоҷикистону Хитой яке аз самтҳои калидии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд ва дар бунёди амният, рушд ва ҳамгироии минтақавӣ нақши муҳим мебозанд.

Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои бойи таърихӣ, ҳуҷҷатҳои расмии байнидавлатӣ, маводи расонаӣ ва таҳқиқоти илмии дохиливу хориҷӣ тавонистааст ҷараёни ташаккул ва таҳкими ҳамкориҳои дипломатии Тоҷикистону Хитойро ҳамаҷониба инъикос намояд. Тадқиқоти мазкур ба яке аз мавзуъҳои муҳими илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуда, аз нигоҳи мазмун, методология ва натиҷаҳои илмӣ арзишманд аст.

Дар кори илмии худ Зокиров Иброҳим Исмоилович бо тарзи илмӣ ва воқеӣ ташаккули муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Хитойро аз давраи аввали истиқлолият то соли 2021 мавриди таҳлил қарор дода, самтҳои асосии ҳамкорӣ миёни ду кишварро фаро гирифтааст.

Муаллиф таърихи оғози робитаҳои дипломатии ду кишварро аз соли 1992 инҷониб бо таври пайдарҳам таҳлил намуда, нақши созишномаҳои байнидавлатӣ, мулоқотҳои сатҳи олӣ ва сафарҳои расмиро дар таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бо далелҳои муътамад нишон медиҳад. Дар ин замина, ба таври махсус ҷанбаҳои иқтисодӣ ва маорифу фарҳанг мавриди баррасии муфассал қарор гирифтаанд.

Яке аз ҷиҳатҳои арзишманди ин таҳқиқот он аст, ки муаллиф на танҳо ҷараёни таърихии ҳамкориҳои дуҷонибаро инъикос кардааст, балки таҳлили муқоисавии муносибатҳои Тоҷикистону Хитойро дар доираи созмонҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкории Шанхай анҷом додааст. Ин паҳлу ба кори илмӣ диди васеи таҳлилӣ мебахшад ва аҳамияти онро дар сатҳи байналмилалӣ меафзояд.

Муаллиф бо далелҳои муътамад нишон медиҳад, ки муносибатҳои Тоҷикистону Хитой дар давраи истиқлолият ба сатҳи шарикии стратегӣ

расида, имрӯз яке аз намунаҳои барҷастаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар минтақа ба шумор меравад. Дар ин раванд, нақши сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки бар асоси дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобила таҳия шудааст, мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Дар таҳқиқот самтҳои иқтисодии робитаҳои ду кишвар мавқеи марказӣ доранд. Муаллиф саҳми сармоягузории Хитойро дар иқтисодиёти Тоҷикистон, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, энергетикӣ ва нақлиётӣ, инчунин, аҳамияти лоиҳаи «Як камарбанд, як роҳ»-ро барои иқтисоди миллӣ таҳлил кардааст. Дар ин замина, муаллиф тавонистааст равандҳои иқтисодиро дар ҳамбастагӣ бо манфиатҳои стратегии ҳарду ҷониб нишон диҳад.

Ҳамчунин, дар автореферат робитаҳои фарҳангӣ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд. Муаллиф тавоноии ҳарду кишварро дар густариши табодули фарҳангӣ, ҳамкориҳои илмӣ-таълимӣ, рушди омӯзиши забонҳои тоҷикиву хитойӣ ва афзоиши сафарҳои фарҳангӣ нишон медиҳад. Ин раванд ба мустаҳкам шудани пояҳои ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстии халқҳо мусоидат намудааст.

Аз матни автореферат бармеояд, ки муаллиф муносибати илмиро ба мавзуъ риоя намуда, тамоми хулосаҳои худро бар пояи далелҳо ва сарчашмаҳои муътамад асоснок кардааст. Забони илмии кори ӯ равон, дақиқ ва фаҳмо мебошад. Таҳқиқот бо сабку услуби таҳлилӣ ва бо риояи қоидаҳои методологии илмҳои таърих анҷом дода шудааст.

Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои он метавонанд дар таҳияи барномаҳои стратегии ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Хитой, дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотӣ истифода шаванд. Илова бар ин, ин кор метавонад ҳамчун маводи таълимӣ барои фанҳои соҳаи хизмати дипломатӣ, сиёсатшиносӣ ва таърихи муносибатҳои байналмилалӣ хизмат кунад.

Таҳқиқоти Зокиров Иброҳим Исмоилович ба таври пурра ҷавобгӯйи талаботи муосири илмҳои таърих буда, дорои сохтори мантиқӣ, мазмуни муфассал ва натиҷаҳои илмии асоснок мебошад. Муаллиф тавонистааст дар асоси омӯзиши амиқи таҷрибаи таърихӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои назариявию амалии арзишманд пешниҳод намояд.

Дар маҷмуъ, аз мазмуну муҳтавои автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти мазкур як кори ҳамаҷониба, илман асоснок ва дорои арзиши баланд мебошад. Муаллиф бо таҳлили амиқ ва истифодаи манбаъҳои сершумор тавонистааст равандҳои истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Хитойро дар марҳилаҳои гуногун инъикос намояд. Ин таҳқиқот барои муҳаққиқон,

донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун намунаи кории илмӣ хизмат мекунад.

Бо назардошти аҳамияти мавзуъ, сатҳи баланди таҳқиқот, навоварӣ ва асоснокии натиҷаҳо, метавон хулоса кард, ки автореферат ва диссертатсияи Зокиров Иброҳим Исмоилович дар мавзуи «Истиқрор ва рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Хитой дар даврони истиқлолият (солҳои 1991–2021)» ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарриз,**
доктори илмҳои таърих,
Сардори шуъбаи илм, инноватсия,
муносибатҳои байналмилалӣ ва табъу
нашри филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов Х.Г. Комилова

Имзои Комилова Х.Ғ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва
корҳои махсуси филиали Донишгоҳи
давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе С.М.Пирназар

03. 10.2025

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1;
**Тел.:** +992 (37) 221-99-41; **Факс:** +992 (37) 221-99-41;
Email: info@msu.tj; Сомонаи расмии интернетӣ: https://msu.tj